**ТАҚРИЗ**

**ба рисолаи диссертатсионии Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи “Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз руйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ, Душанбе, 2023, 343 саҳифа.**

Рисолаи диссертатсионие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, ба яке аз масоили муҳимми илми фолклоршиносии тоҷик – омӯзиш ва таҳқиқи поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ бахшида шудааст. Зеро суруд аз маъмултарин, маъруфтарин ва маҳбубтарин жанри фолклори тоҷик буда, таърихи ғаниву қадима дорад ва он дар ҳамаи давру замон ҳамдаму шарики зиндагии маънавии инсон будааст. Чунки инсон шодии худро бо суруд изҳор менамояд, рози худро бо суруд мекушояд, ғами дилро бо суруд мезудояд.

**Аҳаммияти** диссертатсияи доктории Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир бо он муайян мегардад, ки то ба имрӯз оид ба поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ ва масоили марбут ба он дар илми фолклоршиносии тоҷик пажуҳиши алоҳида ба сомон нарасидааст. Дар ин асос, мавзуи рисоларо метавон мубрам арзёбӣ намуд. Муаллиф дар муқаддимаи рисола дуруст қайд намудааст, ки “Агарчи пажуҳишгарон оид ба анвои суруд каму беш изҳори назар кардаанд, вале ба андешаи Р.Амонов, В.Асрорӣ, Н.Шакармамадов, Б.Шермуҳаммадов, Р.Раҳмонӣ ва дигарон масъалаи суруд ва хусусиятҳои он таҳқиқи ҷомеи монографиро тақозо дорад” (диссер., саҳ. 4).

**Навгонии илмии** диссертатсия боз дар он зоҳир мегардад, ки аввалин таҳқиқи ҷомеъ оид ба жанри суруд дар фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Дар он бори нахуст таърихи гирдоварӣ, нашр ва омӯзиши сурудҳои халқии тоҷикӣ батафсил таҳлил гардида, поэтикаи суруд аз ҷиҳати сохтор, мавзуъ ба таври муқоисавию типологӣ, вариантнокӣ ва дар муҳити иҷро мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Эътимоднокии натичаҳои таҳқиқ** бо он исбот мегардад, ки дар чараёни пажуҳиши масъалаҳои гуногуни поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии фолклоршиносони ватанию хориҷӣ истифода шудааст. Дар умум, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз мутобиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеоянд.

Рисола аз муқаддима, чор боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои рисола усули қобили таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани сарчашмаю маъхазҳо, муҳокимаҳою баҳси пурманфиати илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Боби аввали рисола, ки "Истилоҳ ва хусусиятҳои жанрии сурудҳои халқии тоҷикӣ" номгузорӣ шудааст, аз шаш фасл фароҳам омадааст. Ин боб бештар хусусияти назариявӣ дошта, муаллиф дар фаслҳои он оид ба истилоҳи суруд, вежагиҳои жанрии он ва муродифҳои суруд муфассал андешаронӣ намуда, маънои аслии "суруд"-ро муайян кардааст ва ҳамзамон доир ба ҷойгоҳи суруд дар фолклор, мақоми он дар зиндагии маънавии мардум ибрози назар намудааст. Сипас дар фаслҳои алоҳида жанрҳои тарона, бадеҳа ва даргиликро нисбатан муфассал таҳқиқ намуда, монандӣ ва тафовути ин навъҳои бадеиро аз жанри суруд то ҳадди имкон муайян сохтааст, ки қобили қабуланд.

Дар боби дуюм, ки аз ду фасл таркиб ёфтааст, масъалаи "Гирдоварӣ, нашр ва пажуҳиши сурудҳои халқии тоҷикӣ" мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар фасли аввали он, ки ғолибан хусусияти библиографӣ дорад, муаллиф оид ба таърихи 150-солаи

гирдоварии сурудҳо ва нашри онҳо дар рӯзнома, маҷалла ва маҷмуаҳои гуногуни фолклорӣ маълумоти саҳеҳ додааст. Ӯ ин ҷо, бахусус, аз саҳми як гурӯҳ олимони рус, ки нахустин шуда, ба ҷамъоварӣ, сабт ва омӯзиши фолклор, минҷумла сурудҳои халқии тоҷикӣ ҳиммат гуморидаанд, бо ҳусни ихлос ёдовар шуда, аз нақш ва хидматҳои мунсифонаи эшон дар ин ҷода қадршиносӣ ба амал овардааст. Ин фасл ҳамчунин тадқиқи батафсили фаъолияти як зумра адибону олимони тоҷикро, ки пас аз дигаргуниҳои куллии иҷтимоиву сиёсии ибтидои асри XX ва таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гирдоварӣ, нашр ва омӯзиши эҷодиёти лафзии халқ, аз ҷумла суруд шуғл варзидаанд, фаро гирифтааст. Дар ин бахш муҳаққиқ оид ба қазияи гирдоварӣ ва интишори сурудҳои халқии тоҷикони бурунмарзӣ низ маълумоти мукаммал додааст.

Фасли дуюми боби мазкур “Пажуҳиши сурудҳои халқии тоҷикӣ” масъалаи то кадом андоза омӯхта шудани сурудҳои халқиро ба риштаи тадқиқ кашидааст. Бо ин мақсад муҳаққиқ ҳамаи он асару мақолаҳои илмии ба сурудҳо бахшидашударо ба се даста ҷудо намудааст: 1) Мақолаҳои ҷудогона, ки дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шудаанд; 2) Сарсухани маҷмуаҳои фолклорӣ; 3) Рисолаҳои илмӣ, ки дар радифи жанрҳои дигари лирикӣ дар бораи сурудҳо низ андешаронӣ шудааст. Ҳамин тавр, диссертант дар ин фасл 54 мақола ва рисолаҳои илмиро, ки дар солҳои гуногун ба нашр расидаанд, ба тартиби хронологӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, саҳму хидматҳои олимони ватанию хориҷӣ, амсоли И.С.Брагинский, Р.Амонов, В.Асрорӣ, Б.Шермуҳаммадов, Д.Обидов, Ф.Зеҳниева, Н.Шакармамадов, Р.Раҳмонӣ ва дигаронро дар пажӯҳиши масоили мухталифи фолклори тоҷик ва, хоса, жанри суруди он саҳеҳ муайян кардааст.

Дар боби сеюми рисола, ки “Анвоъ ва мавзуъҳои сурудҳои халқии тоҷикӣ” унвон дошта, аз 9 фасл фароҳам омадааст, масъалаи таснифоти сурудҳои халқӣ ва навъҳои сурудҳои халқӣ васеъ баррасӣ гардидаанд. Муҳаққиқ дар раванди таҳқиқи анвои сурудҳои халқӣ ба хулосае омадааст, ки дар илми фолклоршиносии ҷаҳон масъалаи таснифоти сурудҳо то ҳол ҳаллу фасл нашудааст. Дар бобати таснифоти сурудҳои халқии тоҷикӣ бошад, фолклоршиносони маъруфи кишвар дар асоси маводи мавҷуда сурудҳои тоҷикиро ба навъҳои гуногун ҷудо намудаанд, аммо онҳо аз назари муаллифи рисола баҳсомез мебошанд. Масалан, академик Раҷаб Амонов солҳои 60 – и асри моқабл дар асари ҷомеи худ “Лирикаи халқии тоҷик” сурудҳоро аз рӯи маводи он солҳо дастрасбуда, танҳо ба се бахш ҷудо намудаанд - шодӣ, ҳаҷвӣ ва ғамангез. Вале ин таснифот табиист, ки дар иртибот ба даврони нави таърихӣ ва рушди илми фолклоршиносӣ таҷдиди назар мехоҳад.

Бинобар ин, муҳаққиқ дар мавриди таснифоти анвои сурудҳои халқӣ ғолибан ба таълифоти профессор Равшан Раҳмонӣ пайравӣ намуда, онҳоро ба навъҳои зерин ҷудо намудааст: мавсимӣ, тӯйӣ, мотамӣ, ғиноӣ, таърихӣ, ҳамосӣ, ҳаҷвӣ, динӣ, “Алла” ва бачагона. Баъдан, ҳар кадоми ин навъҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ намуда, мавқеи ҳар яки онҳоро дар фолклори тоҷик ва рӯзгори маънавии мардум муайян сохтааст. Ҷолиби диққат аст, ки дар ин боби рисола бори аввал сурудҳои динӣ, ки қисмате аз сурудҳои халқӣ аст, баррасӣ гардидааст. Муаллиф қайд намудааст, ки ин бахши сурудҳои халқӣ то ҳол кам гирдоварӣ шуда, ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст. Ба андешаи ӯ розӣ шудан мумкин аст, ки баъзе навъҳои сурудҳоро метавон ба навъи дигар интиқол дод. Масалан, баъзе сурудҳои таърихиро ба марсия, диниро ба таърихӣ, туёнаро ба ғиноӣ ё баръакс. Пас масъалаи таснифоти саҳеҳи сурудҳо ҳоло ҳам идома дорад. Аз ин рӯ, он фикри

муҳаккик, ки таснифоти сурудҳои халқӣ таҳқиқи алоҳидаи илмиро тақозо дорад (диссер., саҳ.202), комилан дуруст мебошад.

Боби чоруми рисола, ки "Сохтор, воситаҳои тасвири бадеӣ, вариантнокӣ ва услуби сурудҳои халқии тоҷикӣ" номгузорӣ шудааст, боби калонтарин ва асосии тадқиқот ба шумор меояд. Он дорои 17 фасл буда, дар ҳар кадоме аз ин фаслҳо хусусиятҳои сохторӣ, авзон, қофия, радиф, нақарот, санъатҳои бадеӣ, услуб, вариантнокӣ ва ҳамоҳангии суруд бо мусиқӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифта, муаллиф оид ба ин масоил фикру андешаҳои ҷолиб иброз доштааст. Масалан, вобаста ба сохтори сурудҳо ӯ андешаеро пеш меронад, ки сурудҳо дар асоси жанрҳои гуногуни адабӣ (байт, дубайтӣ, ғазал, рубоӣ, қитъа, мухаммас) ба вуҷуд меоянд. Вале сохтори сурудҳо комилан дигар аст, чунки ғазал, рубоӣ ё ягон жанри дигар ҳангоми сурудан хусусияти жанрии худро гум мекунад, яъне вай дигар ғазал ё рубоӣ набуда, балки суруд аст. Аз нигоҳи муҳаққиқ табиати жанри суруд тақозо мекунад, ки гоҳо ба матн калимаҳои нав дохил шаванд, қофия тағйир ёбад, баъзан мисраъ ё байтҳои нав илова гардад.

Дар фаслҳои алоҳидаи боби мазкур инчунин қазияи нақарот ва мавқеи он дар сурудҳои халқии тоҷикӣ, авзони сурудҳои халқӣ, ки маъмулан ба вазнҳои арӯз ва ҳиҷо асос ёфтаанд, то ҳадди имкон муҳокима гардида, муаллиф дар заминаи таҳлили як идда сурудҳо нақшу мақоми ин рукнҳои шеъриро дар ташаккули жанри суруд хело муҳим арзёбӣ намудааст. Дар фаслҳои дигари ин боб дар хусуси радифу қофия, ки унсурҳои поягузори назманд ва ҳамчунин дар бобати корбурди санъатҳои бадеии такрор, рамз, ташбеҳ, параллелизм, тавсиф, талмеҳ, муболиға, саволу ҷавоб ва ширу шакар (муламмаъ) ба таври муфассал андешаронӣ намуда, ҷойгоҳи хосаи ин унсурҳои шеърсоз ва васоити тасвирро дар таъмини равонию салисии

суруд, бадеият, оҳангнокӣ ва образнокии сухан бо мисолҳо таъкид сохтааст.

Фаслҳои дигари рисола оид ба масъалаи вариантнокӣ, услуб ва ҳамоҳангии суруд ва мусиқӣ баҳс менамояд. Вариантнокӣ хоси назми халқӣ, аз ҷумла сурудҳост. Аз диди муаллиф агар матни фолклорӣ бо вариантҳояш машҳур набошад, пас он асари фолклорӣ шуда наметавонад. Муҳаққиқ дар асоси омӯзиш ду роҳи ба вуҷуд омадани вариантнокиро муайян намудааст, ки чунинанд: якум, бо тағйироти калима, овоз ё мисраъ дар суруд; дуюм, бо тарзҳои гуногун дар минтақаҳо суруда шудан ва иловаҳои алоҳидаи ҳар сароянда. Барои мисол вариантҳои мухталифи суруди арусии "Гуларусак, сар бишӯй" оварда шудааст, ки аз ду маҷмуаи фолклорӣ интихоб гардидааст. Фарқияти гирдоварӣ 21 сол (1949 ва 1970) ва нашр 30 сол (1956 ва 1986) буда, ҳар ду вариант ба минтақаи Кӯлоб тааллуқ доранд. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки баъзе сурудҳо вариантҳои хело зиёд доранд. Масалан, суруди "Уху – уху сулфа дорем" 50 вариант, "Об омаду об омад" 45 вариант ва "Ҳадурсӣ" дорои 20 вариант мебошанд.

Дар бораи услуби сурудҳои халқии тоҷикӣ муҳаққиқ андеша дорад, ки хусусиятҳои услубии сурудро дар мусиқии он ҷустан лозим аст, чунки дар суруд матн ғолибан побанди мусиқӣ аст. Ҳар як навъи суруд тарзи иҷроиши хоси худро дорад, ки дар оҳангу овоз ва сози мусиқӣ таҷассум меёбад, чунин натиҷа бардоштааст муаллифи рисола.

Дар қисмати "Хулоса"-и диссертатсия аз кулли масоили баррасишуда натиҷагириву хулосабардорӣ шудааст, ки он дар 16 банд баён ёфта, мавқеи хоси жанри сурудро дар таърихи фолклори тоҷик ва зиндагии маънавии мардум собит намудааст. Дар бахши тавсияҳои амалии натиҷаҳои диссертатсия истифодаи он дар риштаҳои гуногуни

улуми иҷтимоӣ ва макотиби олии равияи гуманитарӣ равшан нишон дода шудааст.

Бояд гуфт, ки дар диссертатсияи мавриди назар баробари арзишҳои муайяни илмӣ, баъзе камбудиву нуқсонҳое ба назар расид, ки ислоҳи онҳо боиси пуррагии кор ва тақвияти фикру андешаҳои муаллифи рисола хоҳад шуд:

1. Дар қисмати "Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда"-и диссертатсия (саҳ.14-15) як қисм нуктаҳои пешниҳодшуда чандон саҳеҳ нестанд ва аз рӯи мазмун вазифаҳои тадқиқро мемонанд. Хуб мешуд, ки ба ин қисмати муқаддимаи рисола таҷдиди назар намуда, матлабҳои асосии ба дифоъ манзуршавандаро дақиқтару саҳеҳтар муайян намоем.

2. Хулосаҳои фаслҳои "Сурудҳои ҳамосӣ"(саҳ.179), "Сурудҳои ҳаҷвӣ"(саҳ.183) ва "Сурудҳои динӣ"(саҳ.191) чандон мукаммал нестанд ва ҳамагӣ аз як ва ё ду ҷумла таркиб ёфтаанд. Аз ин рӯ, комилтар ва қавитар гардонидани ин хулосаҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

3. Ба назари мо, дар натиҷаи нисбатан зиёд овардани иқтибосҳо аз асарҳои олимони дигар, фикру андешаҳои худи муаллифи рисола дар баъзе мавридҳо то андозае хиraву норавшан мондааст. Масалан, мазмуну муҳтавои фасли "Ҳамоҳангии суруд ва мусиқӣ"(саҳ.286-293) тақрибан аз 7-8 иқтибосу истинод фароҳам омадааст.

4. Ҳамчунин мундариҷаи фасли "Нақарот" – ро, ки ҳамагӣ дар доираи сеюним саҳфа (220-223) сурат гирифтааст, аз ҳисоби таҳлили ҷиддии чанд суруди дигар, ки дар онҳо ин унсури муҳими шеърӣ нақш ва мавқеи хоса дорад, такмил ва тақвият додан мумкин аст.

5. Дар рисола ҷо-ҷо такрори фикр ва баъзе ҷумлаҳои хому носуфтаи тиҳӣ аз услуби илмӣ низ ба назар мерасад.

6. Дар кор инчунин баъзе ғалатҳои имловию китобатӣ, ки ғолибан бар асари иштибоҳи техникаи компутерӣ рух додааст, мушоҳида гардид. Чунин хатоҳо дар саҳифаҳои 12, 25, 29, 39, 90, 117, 139, 239, 290, 328 ва ғайра мавҷуданд, ки ислоҳи онҳо боиси афзудани ҳусни рисола хоҳад гашт.

Дар фарҷом таъкид бояд намуд, ки камбудиву норасоиҳои зикршуда, асосан, хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиш ва қимати рисолаи ба ҳимоя пешниҳодшударо кам намекунанд. Рисола дорои ҷанбаи муайяни илмӣ буда, дар заминаи корбурди асарҳои бағоят зиёди илмиву таърихӣ ва маводи хеле фарогири фолклорӣ таълиф шудааст. Автореферат, монография ва 20 мақолаи чопшудаи муаллиф мазмуну мухтавои рисоларо пурра ифода муайян менамоянд ва аз қобилияти ҷӯяндагии эшон дарак медиҳанд. Ҳамчунин се асари дигари ӯ, ки дар қисмати Феҳрасти адабиёти истифодашуда омадаанд, ба сермаҳсулии муаллифи диссертатсия ишорат мекунанд.

Хуллас, диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзӯи “Поэткаи сурудҳои халқии тоҷикӣ” кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба қоидаву талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ҷавобгӯ аст ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.09 - Фолклоршиносӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илми филология,**
**профессори кафедраи адабиёти**
**муосири тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Файзуллоев Н.**

**Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Таги Сада / 144**
**Тел: (+992) 92-772-34-35;**

**Имзои Н. Файзуллоевро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадр ва корҳои махсуси**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э. М.**

**Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.**
**«2» июни соли 2023.**